Тақриз

**ба фишурдаи диссертатсия Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Китобдорӣ - библиография аз ҷумлаи мавзуоте аст, ки дар фарҳанги тоҷикон мавриди таваҷҷуҳ ва аҳаммияти хосе қарор дошта, миёни муҳаққиқону донишмандон манзалати волоеро касб намудааст. Абурайҳон Берунӣ, ИбниСино ва дигар бузургони илму адаби мо дар ин ҷода намунаи ибрати муҳаққиқон ва донишмандон ба шумор меравaнд. Ян нуктаро зикр намудан муҳим аст, ки истилоҳномаю вожаномаҳои соҳаи китобдорӣ ва фарҳангҳои тафсирии марбути ин соҳа яке аз манобеӣ асосии густариши забон мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионие, ки Робияи Абдусамад оид ба таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ ба анҷом расонидааст, барои мукаммалтар гардидани усулҳои истилоҳсозии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то андозае ҳам бошад кӯмак менамоянд. Муҳаққиқ хуб дарк намудааст, ки дар шароити нави ҷаҳонишавӣ омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти китобдории забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ зарур ва муҳим аст.

Маводи диссертатсияро рисолаҳои китобдорӣ ва осори илмию адабии гузаштагони машҳури тоҷику англис, ки бевосита ба илму адаб эҳтироми хоса доранд, ташкил додааст.

Диссертатсияи Робияи Абдусамад аз муқаддима се боб, хулоса, феҳристи адабиётҳои истифодашуда ва замима иборат аст.

Боби якуми рисола, ки **«Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда»** ном дошта, дар он масъалаҳои назариявии истилоҳшиносӣ, марҳилаҳои инкишофи истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқику баррасии илмӣ шудаанд.

Бояд таъкид кард, ки муаллифи диссертатсия дар боби мазкур сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдории тоҷик ва англисро мавриди омӯзиш қарор дода, дар бораи фарҳангҳои китобдориеро, ки то ин замон тадвин гардидаанд, маълумоти омории мушаххасе пешниҳод мекунад, ки ин тарзи натиҷагирӣ дар рисолаҳои солҳои охир кам ба чашм мерасад.

Боби дуюми рисола **«Таҳлили сохтории истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузори шуда, дар зербобҳои он истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз лиҳози баромад ва маншаи калимагӣ таҳқиқ гардидаанд. Муҳаққиқ ҳамаи истилоҳоти ҷамъовардаи худро дар қолаби усулҳои маъмули калимасозӣ таҳлил менамояд.

Илова бар ин муаллиф нақши усулҳои калимасозро дар созмони истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушаххас менамояд. Ба андешаи муаллифи диссертатсия нақши усули калимасозии сарфӣ ва наҳвӣ дар қиёс бо дигар қолабҳои калимасозӣ назаррас аст. Боиси хурсандӣ аст, ки муаллиф бо таҳлили баромади бархе аз унсурҳои калимасозӣ забонҳои таҳқиқшаванда даст задаст, ки ин ҳам бошад ба ҳусни рисола арзиши баланде зам мекунад.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дар ин боб вижагиҳои маъноии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасии лингвистӣ қарор ёфтаанд. Ба омонимшавӣ, сермаъношавӣ, муродифшавӣ ва мутазодшавӣ дучор гардидани истилоҳоти соҳаи китобдорӣ низ дар ин боби рисола таҳқиқ мегарданд. Яке аз зербобҳои боби мазкур ба масоили иқтибосшавии истилоҳоти китобдорӣ бахшида шудаанд. Аз дидгоҳи муаллиф қисми зиёди иқтибосоти истилоҳоти китобдории тоҷикро истилоҳоти арабию русӣ ва истилоҳоти китобдории англисро иқтибосоти лотинӣ, юнонӣ, италявӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ созмон медиҳанд.

Дар **хулоса** муҳаққиқ андешаҳои худро бо далелҳо ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия дар асоси талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Забони фишурдаи мазкур фасеҳу равон буда, натиҷаи пажуҳиши муаллифро инъикос мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар фишурдаи Робияи Абдусамад дар баробари дастовардҳо баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар зербоби чоруми боби якуми рисола **«Сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои қиёсшаванда»** муаллиф бештар ба сарчашмаҳо ва манбаъҳои тоҷикӣ назар афкандааст, аммо дар таносуб ба сарчашмаҳои англисӣ муҳаққиқ кам таваҷҷуҳ намудааст. Дар раванди таҳқиқ муаллиф ба се фарҳанги мукаммали

китобдории англис таваҷҷуҳ намудааст. Аксари фарҳангҳои зикрнамудаи муаллиф бисёр хурд ҳаҷм мебошанд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои фишурда (15, 17, 27 ва ғ.) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Бояд ишора намуд, ки камбудиҳои мазкур арзиши илмӣ ва дастоварди диссертатсияро намекоҳонад ва зудислоҳшаванда мебошанд.

Дар асоси барасиҳои боло, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Робияи Абдусамад зери унвони «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасида мебошад ва фишурдаи он муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯӣ аст.

Муаллифи диссертатсия – Робияи Абдусамад бо ҳимояи таҳқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Муҳамадиева З.А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Сино, 29-31, МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»
Телефон: (+992) 902997000
E-mail: zmuhamadieva@mail.ru

Имзои З.А.Муҳамадиеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати рушди кадрии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б.И.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Сино, 29-31, МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»

06.06.2023